“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода А.И.________
“_02_”_______майи_______2023

ХУЛОСАИ

шурои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Собирова Назира Солиҷонвна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Роҳбари илмии унвонҷӯ - Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таъин гардидааст.

Собирова Назира Солиҷонвна 28.04.1985 дар ҷамоати Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2006 факултети филологияи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” –ро хатм намудааст.

Собирова Назира фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2006 баъди ҳамчун муаллимаи фанни забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ №29-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз намудааст. Аз оғози соли 2014 то соли 2019 ҳамчун омӯзгори кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус фаъолияти омӯзгориро давом дода, солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯи МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиш ректори аз 31.12.2018, №836 фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст. Аз соли 2021 дар самти ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) таҳқиқоти илмиро идома бахшида, мазмуну мундариҷаи рисолаи илмиро тибқи талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур матраҳ намуда, ба анҷом расонидааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм “5”(аъло) – 20.06.2018.
- Забони хориҷӣ (англисӣ) “5”(аъло) – 05.12.2019.
- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот “5” (аъло) – 27.09.2022.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 06.06.2023, №26 додааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия Собирова Назира Солиҷонвна унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, солҳои 2019-2022 то ҳол дар вазифаҳои гуногун дар донишгоҳи мазкур фаъолияти пурсамар намудааст.

Диссертатсияи Собирова Назира дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ муҳокима гардида, барои баррасӣ ба шурои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” пешниҳод гардидааст. (Суратҷаласаи кафедра аз 02.03.2023, №8).

Шурои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” таҳқиқоти диссертатсионии Собирова Назираро бо иштироки муқарризони расмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Элмуродова Сабдург Худойназаровна ва номзади илмҳои педагогӣ Раҳмонова Дилбар Зикриёевна мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Собирова Назира оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастоварда мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методии дар заминаи таҳқиқот коркардаашро ба самъи иштирокчиёни ҷаласа ироа кард ва ба саволҳои манзуркардаи иштирокчиёни ҷаласа ҷавобҳои мушаххас дод.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ Элмуродова Сабдург Худойназаровна аз ҷумла қайд намуд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсия раванди ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар шароити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, дар хусуси навгонии илмии диссертатсияи унвонҷӯ қайд намуд, ки он нақш ва мақоми анъанаҳои миллии халқи тоҷикро дар самарабахш гардидани фаъолият дар соҳаҳои

мухталифи инкишофи ҷомеа ба таври умумӣ нишон дода, ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири анъанаҳои миллии халқи тоҷик ба ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро дар шароити муосир ошкор карда карда, мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҷанбаҳои ҳасосу муассири ин масъала муайян карда шуда, дар асоси гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ дар синфҳои ибтидоӣ коркард гардиданд.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия дар мавзуи ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик таҳқиқоти илмӣ-педагогии ҷудогона мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба унвонҷӯ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи мазкур дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад Элмуродова Сабдург Худойназаровна қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯро ба инобат гирифта, онро ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Муқарризи расмии дигар - номзади илмҳои педагогӣ Раҳмонова Дилбар Зикриёевна қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар фаъолияти таълимию тарбиявии муассисаҳои таълимӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти онро нишон додааст.

Таҳқиқоти илмии унвонҷӯ имкон медиҳад, ки дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи татбиқи раванди ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда шавад. Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст шудааст.

Муқарриз Раҳмонова Дилбар Зикриёевна ибрози андеша намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди машғулиятҳои омӯзгорони ҳамаи фанҳои таълимии муассисаҳои таълимии кишвар истифода кард. Хулоса, диссертатсияи Собирова Н. барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти муҳокима ва хулосаҳои муқарризон - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Элмуродова Сабдург Худойназаровна, номзади илмҳои педагогӣ Раҳмонова Дилбар Зикриёевна ва иштирокчиёни ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, хулоса кард.

Диссертатсияи номзадии Собирова Назира мубрам ва дархӯри замон буда, масъалаи иҷтимоишавии рафтори хонандагон яке аз масъалаҳое ба ҳисоб меравад, ки дер боз диққати омӯзгорону муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Дар шароити муосир ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар соҳаи маориф ба самаранок гардидани раванди таҳсилот мусоидат менамояд. Тавре, ки таҷриба нишон медиҳад ва таҳқиқоти педагогӣ тасдиқ мекунад, натиҷаҳои ҷамъбасти назариявии таҳқиқот дар ин самт ошкор менамоянд, ки ба хонандагони ин синну сол аксари амалҳои иҷтимоие хос мебошанд, ки назорати доимии омӯзгорон ё волидайнро тақозо намекунанд. Бинобар ин, синни хурд давраи ҳасос (сензитивӣ) барои рушди бисёр ҷанбаҳои имконияти иҷтимоии инсон пазируфта шудааст. Аз ин хотир, аз шахси замони муосир натанҳо иҷроиши вазифаҳои ҷисмонӣ, балки вазифаҳои зеҳнӣ низ талаб карда шуда, ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол ва самаранок намудани раванди таълим муҳим ва зарур ҳисобида мешавад.

Муҳаққиқ мақсаду объект, предмет ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян карда, дар ин замина вазифаҳои зеринро анҷом додааст. Аз ҷумла,

- моҳияти «рафтори иҷтимоӣ», «фарҳанги рафтор» дақиқ гардидааст;
- амсилаҳои ангезиши таъсири анъанаҳои миллӣ ба хонандагони хурдсол ошкор кардааст;
- шароити ташаккули босамари малакаҳои фарҳанги шаҳрвандӣ - ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва рафтор муайян намудааст;
- оид ба низоми тарбияи рафтори ҷамъиятии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути анъанаҳои миллӣ, ки дар тамоми соҳаҳои фаъолияти кӯдак дар муасссаҳои таълимӣ ва оила корҳои санҷишӣ ва озмоишӣ гузарондааст.

Диссертант зимни иҷрои вазифа ва баргузории таҳқиқоти илмӣ ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст: Аз ҷумла, муаллиф дар маҷмуъ бо истифода аз донишҳои назариявӣ мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои педагогии бештар самараноки ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик муайян ва асоснок карда, самтгирии шахсиятӣ ва фаъолмандонаи раванди педагогӣ дар синфҳои ибтидоӣ, дар он ташкил намудани муҳити инкишофдиҳанда, таъсири мутақобили мактаби синфи ибтидоӣ ва оила, такя ба омодагии рафторӣ ва этнофарҳангии хонандагон, дар сохтори рафтори ҷамъиятии хонандагони хурдсол афзалияти нишондиҳандаҳое, мисли фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ, фарҳанги рафтор ошкор намуда, моҳияти мафҳуми «фарҳанги тарзи рафтор» ва

«фарҳанги рафтор» муайян карда шуда, фарҳанги тарзи рафтор нисбат ба «фарҳанги рафтор» мафҳуми густурдатар буда, анъанаҳо, урфу одат, одоби рафтор, ақидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии ба ҷомеаи мазкур хосро дар бар мегирад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар меъёрҳо, сатҳҳо, тавсифҳои рафтор, ангезишҳои ташаккули он, ки ошкор гардиданд, норасоии воситаҳои педагогии дигар ва захираҳоро дар ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар заминаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик пурра мекунанд.

Ҳамин тариқ, шароити мувофиқи таҷрибаҳои гузаронидашуда таъсири мусбӣ дошатни анъанаҳои миллии халқи тоҷикро дар ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол нишон медиҳад. Дар ҳалли мушкилоти зерин дар ҳамбастагӣ метавон натиҷае ба даст овард.

**Мазмун ва муқаррароти асосии диссертатсия дар нашрияҳои зерин инъикос ёфтаанд:**

***I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда нашр шудаанд:***

[1-М] Собирова Н.С. Мулоҳизаҳо дар бораи иҷтимоъгароӣ дар раванди таълиму тарбияи мактаббачагон. Маҷаллаи илмӣ “Номаи Донишгоҳ” №2 (59), 2019, Хуҷанд, саҳ 177-180.

[2-М] Собирова Н.С. Вазъи кунуни ва тамоюлҳои рушди муносибати салоҳияти касбии омӯзгорон дар мактабҳои олӣ. Маҷаллаи илмӣ “Номаи Донишгоҳ” №1 (62), Хуҷанд- 2020, саҳ 168-171.

[3-М] Собирова Н.С. Доир ба баъзе тамоюлҳои арзишии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар роҳи тарбияи фаъолнокии ҷамъиятӣ. Маҷаллаи илмии “Номаи Донишгоҳ” №1 (66), Хуҷанд-2021 Маҷаллаи илмии “Номаи Донишгоҳ” №1 (66), Хуҷанд-2021, саҳ. 147-152.

[4-М] Собирова Н.С. Шартҳо ва ангезишҳои педагогии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагоги хурдсол. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Бохтар - 2022, 1/1 (95).

***б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо интишор гардидаанд:***

[5-М] Собирова Н.С. Проблема социализации школьников в контексте учебной деятельности. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзӯи “Паёми Пешвои миллат-оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон ” 19 марти соли 2019 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент. саҳ. 135-137.

[6-М] Собирова Н.С. Ҳалли муаммоҳои каҷрафтории хонандагон дар ҷамъият ва ташаккули унсурҳои он. "Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли "Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Хуҷанд-2019, саҳ 343-345

[7-М] Собирова Н.С. Фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар тарбияи насли наврас. "Хусрави махрӯён" Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба таҷлили 70-солагии н.и.ф. Каримова М.А., Хуҷанд, Меъроҷ 2019, саҳ, 56-62.

[8-М] Собирова Н.С. Педагогическая концепсия развития социальной активности учащихся в современных условиях. Муаммоҳои омӯзиши фанҳои табиию-риёзӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим. (Бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" Меъроҷ, Хуҷанд 2020, саҳ 243-249.

[9-М] Собирова Н.С. Фаъолнокии ҷамъиятии хонандагон ҳамчун сифати арзишманди шахсият. Муаммоҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда (Монографияи коллективӣ бахшида ба масъалаҳои мубрами омодагии касбии омӯзгорони оянда) Меъроҷ, Хуҷанд 2020, саҳ. 185-195.

[10-М] Собирова Н.С. Баъзе роҳҳои тарбияи фаъолнокии ҷамъиятӣ дар хонандагони хурдсол. Маҷаллаи илмӣ, Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон №10, 2020, Душанбе, саҳ. 401-404.

[11-М] Собирова Н.С. Нақши оила дар ташаккули тарбияи ахлоқии хонандагон. Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ бахшида ба арафаи 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таҳти унвони "Оила ва фарҳанги оиладорӣ дар ҷомеаи муосир"10.11.2020 ш. Душанбе, саҳ. 96-100.

Кори диссертатсионии Собирова Назира Солиҷонвна дар мавзуи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик" кори илмӣ-таҳқиқотии бaанҷомрасида буда ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ҷавобгӯ аст. Диссертатсияи мазкур сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Диссертатсияи Собирова Назира Солиҷонвна дар мавзуи "Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути

анъанаҳои миллии халқи тоҷик” ба талаботи Комиссияи олии атттестатсионии Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мутобиқат мекунад ва ба ҳимоя пешниҳод мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи факултети факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, суратҷаласаи №10, аз 28-уми апрели соли 2023 қабул шудааст.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
Иштирок карданд - 19 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» -19 нафар.
«Зид»- нест.
«Бетараф»-нест.

Раиси Шурои олимони факултети
таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Усмонзода Д.А.

**Муқарризон:**
Мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
номзади илмҳои педагогӣ , сармуаллима Вализода Ш.

Дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии МДТ “ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Раҳмонова Д.З.

Котиби илмии шурои олимони факултети
таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус Келдиёрова Ф.Т.

Имзоҳои Усмонзода Д.А., Вализода Ш., Раҳмонова Д.З. ва Келдиёрова Ф.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э. М.